# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диҷсертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ**

Диссертатсияи илмии Назризода Ҷамила Маҳмуд ба яке аз масъалҳои мубрами бахши таълим – муайян намудан ва амалан ошкор сохтани методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ дар асоси амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ бахшида шудааст. Фанни забони русӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии ашхосе, ки меъёру қоидаҳо ва талаботи маънавию ахлоқии ҷамъиятӣ барояшон чун ақида, эътиқод ва ғояҳои шахсӣ мебошанд, саҳми беандоза дорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо бо боварии комил метавон гуфт, ки имрӯзҳо таълиму тарбия дар самти ташаккули фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсили миёна аҳаммияти калон дошта, фанни забони русӣ яке аз воситаҳои муассири расидан ба ин ҳадаф мебошад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии муайян намудан ва амалан ошкор сохтани методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ дар асоси амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ аз оғоз то интиҳои рисола дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мебояд таъкид намуд, ки воқеан, дарсҳои забони русӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир дошта, барои ҳамоҳангсозии афкори онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми созгор доранд. Илова бар ин, фанни забони русӣ, ки дорои хусусиятҳои гуногуни тарбиявӣ мебошад, мавқеи махсусро дар баробари дигар фанҳои таълимӣ ишғол мекунад.

Аз ин рӯ, таълими фанни забони русӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонадагони синфҳои 9-11 муҳим буда, ин раванд актуалӣ будани мавзуи мазкурро собит месозад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)" ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ, ҳамчунин, ба Феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш муайян намудан ва амалан ошкор сохтани методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ дар асоси амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ ва дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи рисолаи Назризода Ҷамила Маҳмуд мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назарияву амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, равоншиносӣ ва усулҳои таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (суратҷаласа аз 05 майи соли 2026, №10).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, равоншиносӣ ва усулҳои таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда, ки ба талаботи банди 34-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рӯс Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Наврузова Гулшан Турсуновна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3. **Ба сифатӣ муассисаи пешбар**

- **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмхои педагогӣ,**
**профессор** **Рузиева Лола Толибовна**

**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна**

*Имзоҳои Солехов М.О., Рузиева Л.Т., Нгазибекова М.Б. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.**

"29" 06 **соли 2026**